Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар раванди таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳимро дар худ таҷассум менамояд. Зеро дар шароити муосир ҳама давлатҳо кушиш мекунанд, ки роҳу воситаҳои рушди миллӣ ва минтақавиро бар пояи принсипҳои ҳамзистии осоишта ва ҳамсоягии нек пайдо намоянд. Маҳз дар чунин шароит омузиши амсилаҳои миллию минтақавӣ роҷеъ ба масоили гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Алалхусус роҷеъ ба хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ анҷом додани таҳқиқот тадбири муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Зеро шиддат гирифтани низоъҳои минтақавию байналмилалӣ ва афзоиши нооромиҳо дар гушаҳои гуногуни ҷаҳон ҳамчун воситаи татбиқи манфиатҳои геополитикӣ истифода шуда истодааст. Ҳатто муаллиф таъкид намудааст, ки айни замон, таҳримҳои иқтисодиву сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ низ барои пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин, қувваҳои байналмилалӣ ризоияти тарафҳои ба ҳам муқобилро барои ҳалли низои хушунатомез тақозо намекунанд. Дар чунин равандҳо муаррифии моделҳои муваффақи пешбурди гуфтушунид ва ҳалли низоъҳо самти афзалиятноки илмҳои сиёсатшиносӣ ва равобити байналмилал ба шумор меравад.

Вижагии таҳқиқоти мазкур ба он асоснок мегардад, ки муаллиф масъалаи таҳқиқотиро бар асоси таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ намудааст. Дар таҳқиқот заминаҳои ба миён омадани низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян ва асоснок карда шудааст.

Аз мазмун ва моҳияти автореферат бармеояд, ки муаллиф ҷиҳати баррасии равишҳои илмии муосир дар таҳқиқи моҳияти музокироти сиёсӣ ҷаҳду талоши бесобиқа намуда, аҳамияти истифодаи музокироти сиёсию дипломатиро ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои сиёсӣ арзёбӣ намудааст. Ҷанбаи дигари таваҷҷуҳбарангези таҳқиқот ба инъикоси нозукиҳои раванди музокирот алоқаманд мебошад. Чунончӣ муаллиф мақоми омили инсониро дар раванди музокироти сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ намуда, нақши Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ нишон додааст. Маҳз чунин равиши таҳлилнамоӣ бо назардошти марҳалаи нави рушди давлатдории миллии Тоҷикистон арзишмандии таҳқиқотро ба маротиб боло бурдааст. Муаллиф бамаврид қайд намудааст, ки "нақши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсии байнитоҷикон хусусияти амлалӣ дошта, таъсири он натанҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ муҳиммияти хосса дорад. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсии муваффақ ва танзимгари музокироти сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта мешавад".

Дар воқеъ, маҳз ҳамин талошҳо сабаб шуданд, ки имрӯз дар минтақаи мо фазои ҳамгироӣ ва дарки умумияти тақдиру сарнавишти давлатҳо ва мардумони онҳо торафт тавсеа ёфтанд. Нақши Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии муваффақ ва ботаҷриба дар раванди музокироти сиёсӣ ҷиҳати пойдории субот, рушди ҳамкорӣ, инчунин тавсеаи ҳамгироии созанда дар минтақа эътироф гардидааст.

Дар зимн, аз ҷониби муаллиф муайян гардидани мақом ва нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ, инчунин баррасии дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои эҳтимолии минтақавӣ шоистаи таҳсин буда, самарнокии натиҷаҳои таҳқиқотро барои фаъолияти мақомоти давлатӣ мубрам мегардонад. Чунончӣ муаллиф таъкид мекунад: "Хусусиятҳои фарққунандаи гуфтушунидҳои мустақими дипломатӣ, ки дар сатҳи намояндагиҳои чунин сатҳ гузаронида мешаванд, дар он ифода мешавад, ки

иштирокчиёни онҳо дар асоси дастурҳои дақиқ танзимшуда амал мекунанд, дар ҳоле ки онҳо ҳуқуқи мустақилона додани хулосаи ниҳоиро надоранд". Маҳз чунин ҷанбаҳои масъаларо ба инобат гирифтани коршиносону масъулони сиёсати хориҷӣ ба самаранокии тадбирҳо дар самти ҳалли мушкилот мусоидат менамояд. Ҳамзамон муаллиф бар ин назар аст, ки "дар оянда кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд ба назар гиранд, ки онҳо бояд идеологияи ҳалли низоъҳои сиёсиро дар шароити ҷаҳонишавии фарогир аз худ кунанд, то ки халқҳои онҳо принсипҳои тавоноии эҷоди муносибатҳои мутамаддинро аз худ намоянд". Дар воқеъ чунин масъалагузорӣ ба талаботи илм ва амалияи дипломатӣ мувофиқ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло, бо итминони комил иброз мегардад, ки муаллиф дар ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ муваффақ гардидааст. Барои ҳалли вазифаҳое, ки дар раванди таҳлили мавзӯъ гузошта шудаанд, усулҳои умумии илмӣ, аз ҷумла системавӣ, мантиқӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра истифода намудааст. Аз мазмун ва моҳияти таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки дар рисола равиши байнисоҳавӣ вобаста ба хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ истифода шудааст, ки дар сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва дипломатия истифода гардидаанд.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зикршуда, дар таҳқиқоти мазкур якчанд камбудиҳои хусусияти таҳрирӣ ва услубӣ мушоҳида мегардад, ки ислоҳи онҳо тавсия дода мешавад:

- дар забон ва услуб баъзе нуқсонҳои техникӣ мушоҳида мегардад, ки онҳоро метавон бо сабки мутафовит ва бо истифода аз ибораву мафҳумҳои тоҷикӣ, бо сабки соддатар ва равшантар ифода намуд;

- дар қисматҳои тоҷикӣ ва русии автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» таҳқиқоти назарраси илмӣ буда, ҷавобгӯ ба меъёрҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бо такя ба автореферати диссертатсия метавон гуфт, ки ин таҳқиқот дар на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ дорад. Хулоса ва пешниҳодҳои асосии рисолаи диссертатсияро метавон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо масъалаҳои музокироти сиёсӣ, ҳалли низоъҳо, инчунин проблемаҳои ҳудудӣ ва сарҳади давлатӣ сарукор доранд, тавсия кард.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо дар таҳлили музокироти сиёсӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ, низоъҳои байналмилалӣ ва дигар низоъҳои маҳаллӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Саидов Ҳ. С.**

Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: +992 918 61 93 93
E-mail: homid-saidov@mail.ru

**Имзои профессор Ҳ. С. Саидовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Исмаилова М. Н.**

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел/Fax.: (+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru сомонаи расми: rtsu.tj

28.06.2026.